**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**
80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel.: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

---

**ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ**

# Ҳукумати Ҷопон соҳаи тандурустиро дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад

## Созишномаи кумаки бебозгашт бо маблағи 352,530 доллари ИМА ба имзо расид

**Душанбе, Тоҷикистон**

27 январи соли 2026 имзогузории созишномаи лоиҳаи нави кумаки бебозгашт байни Сафири Фавкулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум Кэйко ФУРУТА** ва **ҷ-би ҲАМИДЗОДА Ҳомидҷон**, директори Муассисаи давлатии Маркази саломатии шаҳрии № 14-и шаҳри Душанбе ба имзо расид. Маблағи умумии кумаки бебозгашти аз тарафи Ҳукумати Ҷопон ҷудошуда **352,530 доллари ИМА** ташкил медиҳад.

Дар зер ҷузъиёти лоиҳаи нави дар доираи Барномаи кумаки бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ (GGP) ва намояндаи ташкилоти грантгир, ки шартномаро имзо кард, пешниҳод мегардад:

- **«Лоиҳаи таҳким ва таҷдиди таҷҳизоти тиббӣ барои Маркази саломатии шаҳрии № 14-и шаҳри Душанбе»**
  **352,530 доллари ИМА**
  **ҷ-би ҲАМИДЗОДА Ҳомидҷон** директори Муассисаи давлатии Маркази саломатии шаҳрии № 14-и шаҳри Душанбе;

Ба маркази номбурда, ки дар яке аз ноҳияҳои сераҳолии шаҳр, ноҳияи Сино ҷойгир аст се дастгоҳи муосири рақамии флюорографии ҷопонӣ дода мешаванд. Ин таҷҳизот имкон медиҳанд, ки сифат, дастрасӣ ва суръати ташхиси бемориҳои бахусус сироятӣ ба таври назаррас беҳтар гашта дар ниҳоят ба таҳкими саломатии сокинони пойтахт ва беҳбуди низоми тандурустӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳангоми суханронӣ **хонум Кэйко ФУРУТА** таъкид кард, ки дар моҳи декабри соли гузашта дар Токио аввалин саммит дар доираи гуфтушуниди «Осиёи Марказӣ плюс Ҷопон» бомуваффақият баргузор гардид, ки бори дигар муносибатҳои устувори ҳамкорӣ байни Ҷопон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама Тоҷикистонро тасдиқ кард. Ҳангоми саммит, роҳбарони ҳукумати Ҷопон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дастгири беҳбуд бахшидан ба соҳаи тандурустиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо муайян карданд. Инчунин, муҳтарам Сафир қайд карданд, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони таъсисёбии муносибатҳои дипломатӣ ба мардуми тоҷик дар соҳаҳои гуногун кумак мерасонад.

Дар фарҷоми суханонӣ, **хонум Кэйко ФУРУТА** изҳори умедворӣ намуданд, ки ин лоиҳа сари вақт амалӣ шуда ба қишри васеъи аҳолӣ манфиат хоҳад расонд. Ҳамчунин, Сафир таъкид кард, ки ин лоиҳа ба беҳтар кардани ташхиси касалоиҳои сироятӣ ва балан бардоштани бехатарии муассисаҳои тиббӣ дар Тоҷикистон равона шудаст ва барои беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

**ҷ-би ҲАМИДЗОДА Ҳомидҷон** ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумаки саривақтӣ изҳори миннатдорӣ кард.

*Кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад ва ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, муассисаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, дар доираи Барномаи «GGP» дар Тоҷикистон* ***470*** *лоиҳаҳо бо маблағи умумии* ***$39,2*** *миллион доллари ИМА амалӣ шудааст, ва 110 аз ин онҳо ба соҳаи тандурустӣ тааллуқ доранд.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед:* [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)





